# ШАРҲИ НИЗОМИ СУҒУРТАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СЕМОҲАИ ЯКУМИ СОЛИ 2023

Ба ҳолати 31 марти соли 2023 дар низоми суғуртаи кишвар 16 ташкилоти суғуртавӣ ба пешниҳоди хизматрасониҳои суғуртавӣ машғул ҳастанд, ки аз онҳо 1 ададро ташкилоти суғуртавии давлатӣ (дар шакли КВД) ва 15 ададро ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ ташкил доданд.

Дар давраи баррасишаванда теъдоди филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) 67 ададро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 5 адад кам мебошад.

***Ҷадвали 1. Шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ва филиалҳои онҳо дар семоҳаи якуми соли 2023***

**(бо адад)**

| | *1/2022* | *1/2023* | *Тағйирот (+/-)* |
|---|---|---|---|
| **Ташкилотҳои суғуртавӣ** | **19** | **16** | **-3** |
| Ташкилотҳои суғуртавии давлатӣ | 2 | 1 | -1 |
| Ташкилотҳои суғуртавии ғайридавлатӣ | 17 | 15 | -2 |
| **Филиалҳои ташкилотҳои суғуртавӣ** | 72 | 67 | -5 |

**Дороиҳои умумии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар семоҳаи якуми соли 2023 ба 779,2 млн. сомонӣ баробар шуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 242,2 млн. сомонӣ (45,1 фоиз) зиёд мебошад.

Афзоиши дороиҳо дар ин давра асосан аз ҳисоби зиёд гардидани дороиҳои ҶСП "ТС Суғуртаи аввалини миллӣ"- 27,6 фоиз, ҶСП ТС "Паймон Иншуренс"- 66,5 фоиз, ҶДММ "ТС Бима"- 4,2 маротиба ва ҶДММ ТСА "Спитамен Иншуренс" - 13,1 фоиз ба миён омадааст.

Ҳамзамон, саҳми низоми суғурта дар низоми молиявии кишвар дар охири семоҳаи якуми соли ҷорӣ ба **2,3 фоиз** баробар шуда, ҳаҷми умумии дороиҳо **нисбат ба ММД 0,7 фоизро** ташкил дод.

**Диаграммаи 1. Тағйирёбии дороиҳои низоми суғурта дар солҳои 2015-2022 ва семоҳаи якуми соли 2023**




**Дар семоҳаи якуми соли 2023 уҳдадориҳои тавозунии ташкилотҳои суғуртавии (азнавсуғуртакунии)** кишвар 371,2 млн. сомониро ташкил доданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 156,3 млн. сомонӣ (72,8 фоиз) зиёд мебошанд.

**Диаграммаи 2. Тағйирёбии уҳдадориҳои тавозунии низоми суғурта дар солҳои 2015-2022 ва семоҳаи якуми соли 2023**




**Маблағҳои худии (сармояи)[1] низоми суғуртаи кишвар** дар интиҳои семоҳаи якуми соли 2023 ба 412,7 млн. сомонӣ баробар шуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 90,6 млн. сомонӣ (28,1 фоиз) зиёд гардидааст. Ин афзоиш дар самти устувории молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) падиди афзалиятнок арзёбӣ гардида, омили асосии иҷро гардидани уҳдадориҳои базиммагирифтаи онҳо ба ҳисоб меравад.

Аз ин маблағҳо ҳаҷми сармояи (фонди) оинномавии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба санаи 31 марти соли 2023

[1] Маблағҳои худии (сармояи) ташкилотҳои суғуртавӣ сармояи оинномавӣ, сармояи захиравӣ, сармояи иловагӣ, фонди ҳавасмандгардонӣ, инчунин фоидаи тақсимнашударо дар бар мегиранд.

275,3 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин санаи соли қаблӣ ба андозаи 52,8 млн. сомонӣ (23,8 фоиз) зиёд мебошад.

**Диаграммаи 3. Тағйирёбии маблағҳои худии (сармояи) низоми суғурта дар солҳои 2015-2022 ва семоҳаи якуми соли 2023**




**Диаграммаи 4. Тағйирёбии сармояи оинномавии низоми суғурта дар солҳои 2015-2022 ва семоҳаи якуми соли 2023**




**Миқдори умумии шартномаҳои басташуда** дар моҳҳои январ-марти соли ҷорӣ ба 529,9 ҳазор адад баробар шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2022 ба миқдори 76,0 ҳазор адад (16,8 фоиз) зиёд мебошад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки таваҷҷуҳи аҳолӣ ба суғурта сол ба сол бештар гардида, сатҳи маърифати он, баланд шуда истодааст.

**Диаграммаи 5. Миқдори умумии шартномаҳои басташуда дар солҳои 2015-2022 ва семоҳаи якуми соли 2023**




**Мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ)** яке аз нишондиҳандаҳоест, ки устувории молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)-ро инъикос намуда, сарчашмаи асосии даромади онҳо маҳсуб меёбад. Ҳаҷми умумии мукофоти суғуртавӣ дар семоҳи якуми соли 2023 ба 119,9 млн. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба андозаи 54,3 млн. сомонӣ (83,0 фоиз) зиёд мебошад. Таҳлилҳои гузарондашуда собит намуданд, ки афзоиши мазкур дар ин давра асосан аз ҳисоби зиёд гардидани мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) ҶДММ "ТС

Бима”, ҶСП “ТС “Суғуртаи аввалини миллӣ”, ҶДММ ТС “Паймон Иншуренс” ва ҶДММ ТСА “Спитамен Суғурта” ба амал омадааст.

**Диаграммаи 6. Тағйирёбии воридоти мукофоти суғуртавӣ дар солҳои 2015-2022 ва семоҳаи якуми соли 2023**




Дар семоҳаи якуми соли 2023 воридоти мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯйи шакли суғуртаи ҳатмии давлатӣ 274,9 ҳазор сомониро ташкил дод, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли қаблӣ 69,4 ҳазор сомонӣ (20,2 фоиз) кам мебошад. Воридот аз рӯйи шакли суғуртаи ҳатмӣ бошад, ба 19,1 млн. сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли гузашта 3,2 млн. сомонӣ (16,8 фоиз) зиёд мебошад.

Воридот аз рӯйи шакли суғуртаи ихтиёрӣ дар семоҳаи якуми соли 2023 ба 100,3 млн. сомонӣ баробар шуд, ки ҳиссаи он 84,0 фоизи ҳаҷми умумии мукофоти суғуртавии кишварро ташкил медиҳад. Мукофоти суғуртавӣ (ҳаққи суғуртавӣ) аз рӯйи шакли суғуртаи ихтиёрӣ дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 51,0 млн. сомонӣ (2,0 маротиба) афзудааст. Нишондиҳандаи мазкур гувоҳи он аст, ки ташкилотҳои суғуртавии ватанӣ танҳо ба амалишавии намудҳои суғуртаи ҳатмӣ маҳдуд нагашта, доираи фаъолиятро аз рӯйи намудҳои суғуртаи ихтиёрӣ низ густариш медиҳанд.

**Диаграммаи 7. Тағйирёбии воридоти мукофоти суғуртавӣ аз рӯи шаклҳои суғурта дар солҳои 2015-2022 ва семоҳаи якуми соли 2023**



**Ухдадориҳои базиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар семоҳаи якуми соли 2023 82,6 млрд. сомониро ташкил доданд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2022 дар ҳаҷми 3,5 млн. сомонӣ (4,1 фоиз) коҳиш ёфтааст.

Дар робита ба ин, хавфҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) дар семоҳаи якуми соли соли 2023 ҳамагӣ 69,9 млрд. сомониро ташкил намуданд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 ба андозаи 5,0 млрд. сомонӣ (-6,7 фоиз) кам мебошанд.

**Диаграммаи 8. Хавфҳои ба зиммагирифтаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар солҳои 2015-2022 ва семоҳаи якуми соли 2023**




**Диаграммаи 9. Хавфҳои ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи ташкилотҳои суғуртавӣ дар солҳои 2015-2022 ва семоҳаи якуми соли 2023**




**Мукофоти суғуртавии (ҳаққи суғуртавии) ба азнавсуғуртакунӣ интиқолдодаи низоми суғурта**[2] дар семоҳаи якуми соли 2023 ба маблағи 48,8 млн. сомонӣ баробар шуд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли қаблӣ 37,2 млн. сомонӣ (4,2 маротиба) зиёд мебошад. Ин раванд агар аз як тараф ба устувории молиявӣ ва пардохтпазирии ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) таъсири мусбат расонад, аз тарафи дигар ба сари вақт амалӣ шудани пардохту ҷубронҳои суғуртавӣ мусоидат менамояд.

**Ташаккулёбӣ ва мавҷудияти захираҳои суғуртавӣ**, ки далели сари вақт иҷро гардидани ухдадориҳои ташкилотҳои суғуртавӣ мебошанд, дар семоҳаи якуми соли 2023 259,6 млн. сомониро ташкил доданд, ки дар муқоиса ба семоҳаи якуми соли 2022 ба андозаи 95,5 ҳаз. сомонӣ (58,3 фоиз) зиёд мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки раванди ташаккулдиҳии захираҳои суғуртавӣ дар ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)-и кишвар аз рӯйи натиҷаҳои фаъолият дар семоҳаи якуми соли ҷорӣ ба таври назаррас тамоюли афзоишро ба худ касб кардааст.

[2] Амалиётҳои азнавсуғуртакунӣ, ки барои кам кардани ухдадориҳо ва коҳиш додани хавфҳои эҳтимолии ҳодисаҳои суғуртавӣ равона шудаанд, бо сабаби дар ин давра мавҷуд набудани ташкилоти азнавсуғуртакунӣ дар бозори суғуртаи кишвар тавассути ташкилотҳои азнавсуғуртакунии хориҷӣ анҷом дода шуданд.

**Пардохти суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ)** дар семоҳаи якуми соли 2023 ба 4,0 млн. сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 ба андозаи 0,4 млн. сомонӣ (9,1 фоиз) кам мебошад.

Пардохтҳои суғуртавӣ (ҷуброни суғуртавӣ) дар давраи баррасишаванда аз рӯйи суғуртаи ҳатмии давлатӣ 9,1 ҳазор сомонӣ (2,3%), суғуртаи ҳатмӣ – 134,0 ҳазор сомонӣ (3,4%) ва ба суғуртаи ихтиёрӣ – 3,6 млн. сомонӣ (90,0%)-ро ташкил медиҳад.

**Диаграммаи 10. Тағйирёбии пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ дар солҳои 2015-2022 ва семоҳаи якуми соли 2023**




**Диаграммаи 11. Тағйирёбии таносуби пардохти (ҷуброни) суғуртавӣ нисбат ба воридоти суғуртавӣ дар солҳои 2015-2022 ва семоҳаи якуми соли 2023**




**Ҳаҷми пасандозҳои ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ)** дар низоми бонкии кишвар дар семоҳаи якуми соли 2023 47,3 млн. сомониро ташкил дод, ки нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 11,3 млн. сомонӣ (31,2 фоиз) зиёд мебошад ва ин раванд барои машғул шудани ташкилотҳои суғуртавӣ (азнавсуғуртакунӣ) ба фаъолияти сармоягузорӣ дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёти кишвар мусоидат менамояд.

**Фоидаи софи ташкилотҳои суғуртавӣ** дар семоҳаи якуми соли 2023 ба 32,8 млн. сомонӣ баробар шуд, ки дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта 4,7 млн. сомонӣ (16,8 фоиз) зиёд мебошад.

Нишондиҳандаҳои самаранокии низоми суғуртаи кишвар аз рӯйи дороиҳо (ROA) дар семоҳаи якуми соли 2023 ба ҳисоби миёна 2,4 фоизро ташкил дода, аз рӯйи сармоя (ROE) ба 5,4 фоиз баробар гардид.

